# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои ҳимояи якдафъаинаи диссертатсионии 6D.KOA-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ ба диссертатсияи Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география)

Комиссияи экспертӣ оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина дар заминаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ оид ба диссертатсияи Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» дар ҳайати се нафар интихоб карда шуданд:

1. **Комилов Одина Комилович** – узви шуро, доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.08 – Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ, раиси комиссия;

2. **Саидова Дилором Насимовна** – узви шуро, номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат, аъзои комиссия;

3. **Абдураҳимова Мавзуна Мӯҳсиновна** – номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат, мудири кафедраи географияи табиии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” - аъзои комиссия.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Асламов Бахтовар Раҷабалиевич актуалӣ буда, дар он омӯзиши омилҳои геоэкологии минтақа, фаъолияти антропогенӣ ва паст намудани таъсирбахшии хавфҳои геоэкологии ба онҳо алоқаманд, мушкилоти дигари экологии минтақа лойғуншавии обанборҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия масъалаҳои зерин роҳи ҳалли худро ёфтаанд:

1. Шароитҳои муҳандисӣ–геологӣ ва геоэкологии минтақа усулҳои коҳиш додани таъсири фаъолияти техногениро муайян мекунанд.

2. Хавфҳои геоэкологии табиӣ ва техногенӣ фаъолияти техногениро дар минтақаи Кӯлоб ҳамроҳӣ мекунанд, ки таъсироти худро дар дараҷаҳои гуногун ба муҳити геоэкологӣ мерасонанд.

3. Паст намудани таъсири хавфҳои табиӣ ва техногенӣ вобаста ба фаъолияти техногенӣ тавассути татбиқи тадбирҳои махсуси муҳандисӣ–геоэкологӣ ва муҳандисӣ–техникӣ дар асоси таҳлили чорабиниҳо ва харитаҳои муҳандисӣ–геоэкологӣ имконпазир аст.

**Навоварии илмии натиҷаҳои таҳқиқот:**

– аввалин маротиба хусусиятҳои шароити муҳандисӣ–геоэкологии минтақа ошкор карда шуданд;

– хусусиятҳои рушди равандҳои муҳандисӣ–геоэкологӣ ҳангоми фаъолияти техногенӣ муқаррар гардидаанд;

– бори нахуст хавфҳои геоэкологӣ вобаста ба фаъолияти техногенӣ арзёбӣ шуданд;

– аввалин маротиба харитаҳои типикунонӣ ва арзёбии хавфҳои геоэкологии минтақаи Кӯлоб тартиб дода шуданд;

– бори аввал тадбирҳо ва тавсияҳо оид ба паст намудани таъсирбахшии хавфҳои геоэкологӣ ва техногенӣ таҳия карда шуданд.

**Мавзуи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи тахассуси** илмӣ асоснок буда, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои зерини шиносномаи тахассуси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) мутобиқат менамояд:

1.11. Ҷанбаҳои геоэкологии фаъолияти системаҳои табиӣ ва техникӣ.

1.13. Динамика, механизм, омилҳо ва қонуниятҳои рушди равандҳои хатарноки табиӣ ва техногению табиӣ, пешгӯии рушди онҳо, арзёбии хатарҳо ва хавфҳо, идоракунии хавфҳо, чораҳои пешгирикунанда оид ба коҳиш додани оқибатҳои равандҳои фалокатовар, ҳифзи муҳандисии ҳудудҳо, биноҳо ва иншоот.

1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

**Эътимоднокии натиҷаи диссертатсия.** Натиҷаҳои илмӣ-амалӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисолаи диссертатсионӣ оварда, пурра асоснок ва дақиқ карда шуда, ҳамчунин дар сатҳи зарурӣ бо истифодаи корҳои саҳроӣ ва таҷрибавӣ иҷро гардидаанд. Усулҳои таҳлилӣ, оморӣ эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунад.

**Натиҷаҳои диссертатсия** дар конференсияҳои гуногуни байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ рӯйи чоп оварда шудаанд: Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои пайдоиши конҳои канданиҳои фоиданоки эндогенӣ» (Душанбе, 2021) ва Конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ «Масоили геологияи муҳандисӣ, гидрогеология, гидрология ва коркарди конҳои кандании фоиданоки Тоҷикистон ва ҳудудҳои ҳамсарҳад», бахшида ба 80–солагии корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор, академики Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон Комилов Одина Комилович (Душанбе, 2022) истифода шудааст.

Комиссия таҳқиқоти диссертатсионии Асламов Бахтовар Раҷабалиевичро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дод ва ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегия ва барномаҳои давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои табиӣ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 13 интишори муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8 адад мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, 5 ададди он дар дигар нашрияҳо ва маводи конференсияи илмӣ ба чоп расидаанд.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295) пурра ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) тавсия карда мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Асламов Бахтовар Раҷабалиевичро дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмиро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2023, таҳти №295 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ пешниҳод менамояд.

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Асламов Б.Р. дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) дар заминаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотияшон ба ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) мувофиқат доранд ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

– **Раҳимов Абдулфаттоҳ Ибрагимович** – доктори илмҳои география, и.в. профессори кафедраи геоэкология ва методикаи таълими МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров».

– **Домуллоджанов Далер Хамидович** – номзади илмҳои техникӣ, ходими пешбарандаи илм, шуъбаи истифодабарии хоҷагии оби МД «Институти илмию тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсия»-и Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои техникӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Комилов О.К.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои геология ва минералогия,
дотсент, аъзои Шурои диссертатсионӣ Саидова Д.Н.

номзади илмҳои география,
мудири кафедраи географияи табиии
МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» Абдураҳимова М.М.

**Имзои** Комилов О.К.-ро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
E-mail: info@tnu.tj, телефон: (+992 37) 221 62 25; (+992 37) 227 15 10

**Имзои** Саидова Д.Н. ва Абдураҳимова М.М.-ро
тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи
Мавлонбекова 1 E-mail: htpps//www/hgu/tj/ Тел.: (+992 – 3422) 6 - 52 - 76

«14» 06 с.2025